USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО



WFP/Тоҷикистон/2023

# ЛОИҲА ОИД БА АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## ЗАМИНА

Тоҷикистон кишвари камдаромадест дар Осиёи Марказӣ бо аҳолии 10 миллионнафара, ки ба баҳр роҳи баромад надорад. Осебпазирӣ дар Тоҷикистон натиҷаи омезиши як қатор омилҳо аз набудани амнияти озуқаворӣ то заъфи иқтисодӣ ва муҳити зист мебошад. Тақрибан 20 дарсади хонаводаҳо норасоии озуқавориро аз сар мегузаронанд ва 63 дарсади хонаводаҳо як ё якчанд стратегияи мубориза барои зиндамониро қабул кардаанд, ки воситаҳои зиндагиашонро аз байн бурда, онҳоро ба зарбаҳои оянда хеле ҳассос мегардонад. Дар саросари кишвар, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ), вилоятҳои Хатлон ва Суғд сатҳи баланди ноамнии озуқаворӣ ҷой дорад. Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонӣ (БОҶ)

37 ноҳияро дар саросари кишвар муайян кардааст, ки ҳам сатҳи баланди ноамнии озуқаворӣ ва ҳам осебпазирии баланд ба офатҳои табиӣ ва/ё сатҳи баланди ноамнии озуқаворӣ ва паҳншавии ақибмонии нашъунамо дар кӯдакон (қадпастӣ) дида мешавад.

## МАҚСАД

- Мақсади умумии лоиҳа таҳкими амнияти озуқавории аҳолии осебпазири аз ҷиҳати озуқаворӣ ноамн дар саросари кишвар мебошад.

## НАТИҶАҲОИ КАЛИДИИ ПЕШБИНИШАВАНДА

- **Натиҷаи калидии I**: 165 000 аҳолии аз ҷиҳати озуқаворӣ ноамн аз 33 000 хонавода аз таъминоти бидуни шарти ғизо баҳраманд хоҳанд шуд.

- **Натиҷаи калидии II:** 40 000 аҳолии осебпазир аз 8000 хонавода тавассути интиқоли пулии шартӣ барои баланд бардоштани устуворӣ тавассути бунёди дороиҳо фаро гирифта мешаванд. Он ин гуна ба даст меояд:
    - тавассути зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ - гармхонаҳои такмилёфта (гидропоника, кишти амудӣ, истифодаи неруи офтоб, массаи гармӣ барои гармидиҳӣ);
    - беҳтар кардани нигоҳдории ғизо пас аз ҷамъоварӣ тавассути нигоҳдорӣ дар анбори зеризаминӣ, нигоҳдории герметикӣ, хушккунӣ, консервкунӣ;
    - сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои мубориза бо эрозияи хок – шинонидани дарахтони мевадиҳанда ва чормағз дар нишебиҳои кӯҳӣ ва соҳили дарёҳо; чарогоҳи ҷангал (рӯёнидани дарахтон ва зироатҳои хӯроки чорво барои чорво);
    - такмили малака дар тамоми фаъолиятҳо, аз ҷумла омӯзиш оид ба бунёд ва идоракунии дороиҳо ва соҳибкории хурд.

- **Натиҷаи калидии III:** Мониторинги мунтазами бозори озуқа дар 15 бозори минтақавӣ ва serминтақавӣ гузаронида шуда, ҳар ҳафта ҳисоботҳо таҳия ва ба таври васеъ паҳн карда мешаванд.

**БУҶАИ ЛОИҲА:** $10 000 000 **МӮҲЛАТИ ИҶРОИШИ ЛОИҲА:** 30 НОЯБРИ с.2022 -31 ОКТЯБРИ с. 2027

**ОҶОНСИИ ИҶРОИШГАР:** БОҶ Тоҷикистон

## ТАМОС

Адҳам Мусаллам
Намоянда ва директори кишварӣ
БОҶ Тоҷикистон

Email: adham.musallam@wfp.org
Tel:  +992 44 625 2000/2001/2002/2003

Матт Куртис
Директори генералии идораи рушд/USAID Тоҷикистон
Email: mcurtis@usaid.org /Tel: +992 98 580 0229